**ҚАРОРИ**

**ҷаласаи шурои диссертатсионии** 6D.КОА-029-и

назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 29 декабри соли 2022 ш. Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 диссертатсияи Данаева Камола Холматовнаро дар мавзуи «Таъсири ҷаҳонишавӣ ба равандҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон дар шароити муосир» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ (роҳбари илмӣ – доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи АМИТ Усмонзода Хайриддин), тақризи мусбати муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои фалсафа, профессор Ҳайдаров Р.Ҷ. ва номзади илмҳои фалсафа, дотсент Миров Ф.С., инчунин, баромади мутахассисон доир ба мавзуи баррасишаванда ва муқарризони ғайрирасмӣ: доктори илмҳои фалсафа, профессор Солиҷонов Р., доктори илмҳои фалсафа, профессор Самиев Б.Ҷ., доктори илмҳои фалсафа, профессор Диноршоева З.М., доктори илмҳои фалсафа, профессор Ҷононов С. ва доктори илмҳои фалсафа, профессор Маҳмадизода Н.Д., дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулнамудаи шуро оид ба диссертатсияи Данаева Камола Холматовна, инчунин, дурустии навгониҳои илмӣ, аҳамиятнокии хулосаҳои диссертатсия ва натиҷаи маводи чопиро шунидаю муҳокима намуда,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Данаева Камола Холматовна дар мавзуи «Таъсири ҷаҳонишавӣ ба равандҳои иҷтимоӣ–фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон дар шароити муосир» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11–фалсафаи иҷтимоӣ ҷавобгӯйи талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои илмӣ, мувофиқи Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021с. таҳти №267 тасдиқ шудаанд, мебошад;
2. Маводи чопнамудаи муаллиф пурра мазмун ва моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд;
3. Данаева Камола Холматовна бо дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа сарфароз гардонида шавад;
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки Данаева Камола Холматовна бо дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа сарфароз гардонида шавад.

Кӣ тарафтодри қабули ҳамин қарори Шурои диссертатсионӣ ҳаст, хоҳишмандам мавқеашро муайян намояд. Зид – нест, бетараф – нест. Якдилона қабул мешавад.

Иҷозат диҳед диссертантро барои бо муваффақият ҳимоя намудани диссертатсия табрик ва аъзои шуроро барои фаъолияти бобарор ташаккур гӯям.

Бо ҳамин ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон мегардад.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Маҳмадизода Н.Д.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Худойдодзода Ф.Б.**